# 103431 - Ҳукми намози духтари хурдсол бе рӯсарӣ

**савол**

Намози духтари хурдсол бе рӯсарӣ чӣ ҳукме дорад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар ба балоғат нарасида бошад, намозаш дуруст аст, зеро паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Аллоҳ намози зани болиғро бидуни рӯсарӣ қабул намекунад».** Ин ҳадис далолат мекунад, ки духтаре, ки ҳанӯз ҳайз нашудааст, яъне духтаре, ки ба балоғат нарасидааст, барояш ҳеҷ боке нест, ки бидуни рӯсарӣ намоз бихонад. Аммо агар духтар ҳафтсола ва ё аз ҳафтсола боло бошад, барояш беҳтар ва комилтар аст, ки бо рӯсарӣ намоз бихонад. Аммо касе, ки аз ҳафтсола хурд бошад, хоҳ писар бошад ва ё духтар, аҳли намоз нест, (яъне намоз бар ӯ фарз нест), зеро паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Ҳангоме ки фарзандонатон ба ҳафтсолагӣ расиданд, онҳоро ба намоз хондан амр намоед. Чун ба даҳсолагӣ расиданду намоз нахонданд, онҳоро бизанед ва (дар даҳсолагӣ) ҷои хоби ононро аз ҳамдигар ҷудо кунед».** Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (29/200).